# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Муртазо Иномович дар мавзӯи «Борьба Республики Таджикистан с незаконным оборотом наркотиков в конце XX- начале XXI веков (Муборизаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар охири асри XX ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02.- таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)- Душанбе- 2021.**

Истиқлолият беҳтарин неъмати бебаҳо барои миллати куҳанбунёд ва давлати тоҷикон ба ҳисоб рафта, ба туфайли он Тоҷикистон ба ҳайси субекти мустақили сиёсӣ дар арсаи байналмилалӣ баромад намуда, манфиатҳои тоҷиконро ҳимоя ва мероси бузурги фарҳангии аҷдодиро муаррифӣ менамояд.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ҷанги шаҳрвандӣ дар остонаи мустаҳкамшавии пояҳои давлатдории миллӣ таъсири манфии худро гузошт, ки дар натиҷа аз як тараф тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат фалаҷ ва даҳсолаҳо ба қафо рафт ва аз тарафи дигар ҷинояткорӣ, авбошӣ, duздӣ, терор, таблиғот барои ҷалби ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, таъсисёбии гурӯҳҳои ҷиноӣ, мазҳабҳои ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухадир дар мамлакат авҷ мегирад.

Бо баргузор гардидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии мамлакат заминаҳои мустаҳкам гардидани ҳокимияти конститутсионӣ фароҳам меояд ва Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин лаҳзаҳои ба сари қудрат омаданашон таъмини амнияти шаҳрвандон ва дар ин замина ба ватан баргардонидани гурезагони иҷборӣ, барҳам задани кинаву адоват ва ҷанги бародаркуш, терроризм ва экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухадир ва амсоли онро аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи фаъолияти худ дониста, ҷиҳати дар амал тадбиқ гардидани нуқоти мазкур иқдомоти

зарурӣ пеш мегиранд. Ин буд, ки дар як муддати кӯтоҳ Тоҷикистони соҳибистиқлолро фазои сулҳу субот фаро гирифта, заминаҳои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат фароҳам омад. Мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухадир ҳамеша зери таваҷҷуҳи сарвари давлат қарор дошт ва ин вабои аср дар ҳамкорӣ бо ҷамоҳири шарикони стратегӣ то андозае пешгирӣ гардид.

Унвонҷӯ тавонистааст бо истифода аз маводҳои бойгонӣ, манобеи муътамади таърихӣ ва осори муҳаққиқону донишмандони соҳа муҳимтарин паҳлуҳои мавзӯи мавриди назарро ба риштаи таҳқиқ бикашад ва ин ба муаллиф имкон додааст, то дастовард, натиҷаҳои иқдомоти аз ҷониби Ҳукумати мамлакат анҷом шуда, инчунин проблемаҳои соҳа, роҳҳои ҳалли онро матраҳ бисозад. Аҳамияти дигари мавзӯи таҳқиқотшаванда дар он аст, ки он бо дарназардошти бархе аз мақолаю таҳқиқотҳои номукаммали илмӣ ва илмӣ-омавӣ то кунун дар шакли рисолаи илмӣ пажуҳиш нашудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҳаҷми 201 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати маъхазҳо ва адабиёт ва замима таркиб ёфтааст. Хамаи зербобҳо фарогири мавзӯи диссертатсия буда, бо истифода аз методҳои қиёскунӣ, таҳлилнамоӣ ва хулосабарорӣ таҳия шудаанд.

Дар хулосаи рисола муаллиф натиҷаҳои ба даст омадаро возеҳ баён намуда, оид ба мубориза ба гардиши ғайриқонунии маводи мухадир, пайомадҳои маргбори он ва дигар хатарҳои он барои ҷомеаи ҷаҳонӣ, минтақа ва хусусан Тоҷикистон ва инчунин роҳҳои пешгирӣ намудани онро муфассал баён намудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Акрамов Муртазо Иномович як таҳқиқоти муваффақ, баанҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта ноил гардидааст. Рисола аз оғоз то поён

бар равиши таҳқиқиву қиёсӣ, хулосабарории мантиқии илмӣ ва навгӯӣ таҳия шудааст.

Ҳамин тариқ, гуфтори боло далели мубрамияти таҳқиқи мавзӯи мазкур аст, ки аҳамияти бузурги назариявӣ ва илмӣ- амалӣ дорад. Қобили зикр аст, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи навиштани рисолаи илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илмҳои таърих мебошад.

Мудири кафедраи фалсафа ва фанҳои
гуманитарии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент Ҷобиров Р.Ф.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе кучаи Саид Носир, 33**
**телефон: (+992)+992 (37) 224-17-86**
**Факс: (37) 224-17-86**
**Почтаи электронӣ: info@apa.tj**

Имзои Ҷобиров Раҷабалӣ Фатҳуллоевичро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Суфиев Ф.Р.